# Тақризи роҳбари илмӣ

ба рисолаи диссертатсионии Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзӯи: "Такомули тадбирҳо оид ба пешгирии сироятҳои таносулӣ дар миёни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон") барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руи ихтисоси 14.02.03-сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ.

Қурбонов Назаралӣ Талабович 11 июли соли 1969 дар деҳаи Зиракии ноҳияи Кӯлоби Вилояти Хатлон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Баъди хати мактиби миёнаи №15 зодгоҳ ба шуъбаи федшерии омӯзишгоҳи тиббии ш.Кӯлоб дохил шуда, онро соли 1989 хатм намуд. Аз соли 1989 то соли 1991 дар шуъбаи қабули беморхонаи марказии ноҳияи Кӯлоб ба сифати бародари навбатдор кор кардааст.

Соли 1991 ба факултети табобатии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил шуда, муассисаро соли 1997 бо муваффақият хат кард. Аз соли 1997 то соли 1998 интернатураро дар заминаи кафедраи урологияи МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" хатм намудааст. Дар заминаи шуъбаи урологияи ММТ "Шифобахш" ба сифати духтури навбатдор то соли 2001 фаъолият кардааст. Солҳои 1998 то 2000 дар ординатураи клиникии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино" аз руи ихтисоси урология таҳсил намудааст, ҳамзамон дар шуъбаи зикршуда фаъолияти касбӣ менамуд.

Мавсуф солҳои охир ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва эъҷодӣ диққати махсус зоҳир менамуд, чанд мақолаҳои илми-оммавӣ омода ва нашр намуд. Аз 1 октябри соли 2020 то 1 октябри соли 2022 аз руйи ихтисои аввалияи "Менеҷери соҳаи тандурустӣ" дар заминаи Кафедраи сиҳатии ҷомеа, иктисод, идороти тандурустӣ бо курси омори тиббии МДТ"Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳсил намудааст.

Қурбонов Назаралӣ Талабович бо рафтору хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, меҳнатдустӣ, хоксорӣ, маърифати баланду садоқат ба касби хеш дар байни беморон, коллективи коллеҷи тиббӣ ва ҳамкасбон эътибори хоса пайдо кардааст.

Муҳимияти рисолаи илмӣ. Дар раванди босуръати пешрафти иқтисодӣ бозорӣ, ислоҳоти номуваффақи иҷтимоӣ, баланд шудани сатҳи бекорӣ, коҳиш ёфтани даромадҳои аҳолӣ, афзоиши фақр ва муҳлати тулонӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ будан, боиси тағйир ёфтани ҳолати равонӣ ва рафтори муҳоҷирони меҳнатӣ мегардад.

Имрӯз, таъсири манфӣ ва таҳдиди раванди муҳоҷирони меҳнатӣ ба маънавиёту ахлоқи ҷомеа, рафтори ҷавонон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ эҳсос мегардад. Сатҳи баланди хатарҳои рафторӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ дар паҳншавии строятҳои таносулӣ (СТАҶГ) нақши муҳимро мебозанд.

Махсусияти ин проблема, дар робитаи он бо равандҳои иҷтимоие, ки дар ҷомеа ба амал меоянд, зуҳур меёбад. Ҳамзамон, воқияти иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ташаккули рафтор, дар навбати аввал ба рафтори ҷавононе, ки ба шароити нави зиндагӣ мутобиқшуда наметавонанд ва гурӯҳҳои осебпазири нашъамадӣ ва СТАҶГ-ро таъсири муассир мерасонад.

Масъалаҳои вобастагии дараҷаи беморшавӣ ба синну сол, мансубияти касбӣ, ҷойи истиқомат ва хусусиятҳои рафтории теъдоди садҳо ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар дар шароити татбиқи барномаҳои мақсадноки пешгирикунанда мавриди омӯзиш, таҳлил ва арзёбӣ қарор дода нашудаанд.

Қурбонов Назаралӣ Талабович дар навиштани рисолаи номзадӣ худро ҳамчун мутахассиси соҳибтаҷриба ва муҳаққиқи бовиҷдон, пухтакор ва нуктасанҷ мубрамияти мавзуи мазкурро асоснок намуда, натиҷаҳои бадастовардаро барои истифодаи мутахассисони диспансерҳои пешгирии бемориҳои пуст ва зӯҳравӣ, муассисаҳои КАТС ва мақомотҳои маҳалли ҳокимияти давлатӣ пешниҳод намудааст.

Инчунин, бандҳои мушаххаси кори илмӣ дар барномаҳои таълимии синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, муассисаҳои миёна ва олии касбӣ (самти ғайритиббӣ), масоили ташаккулёбии тарзи ҳаёти солим оид ба пешгирии сироятҳои таносулӣ дар байни наврасону ҷавонон имрӯз ва оянда истифода бурда мешавад, нишон додааст.

Истеъдоди тамилию таҳқиқии унвонҷӯ дар муайян кардаи сохтор, афзалияти масъала, инчунин, муайян кардани омилҳои асосии паҳншавии сироятҳои таносулӣ, самаранокии чорабиниҳои пешгирикунанда дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ дар асоси далелҳои муқоисавии собитшуда баҳогузорӣ карда шудаанд, зоҳир гардидааст.

Бояд қайд кард, ки пажӯҳишҳои анҷомдода ва асарҳои илмии муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонӣ аз қабили Бухбиндер Е.И., Эли Шпрехер, Сергеев Ю.В., Романова О.В., Пушкина Т.В., Кубанов А.А., Орлов Е.В. ва олимони ватанӣ Зоиров П.Т., Исаева М.С., Қосимов О.И., Саидзода Б.М., Ахмедов А.А., Миралиеев С.Р., Муҳамаддиева К.М., Абдиева Д.Х., Додобоев Р.Д., Гадоев М.А. ва дигаронро метавон заминаи таҳқиқоти унвонҷӯ шуморид.

Асоси таҳқиқоти мазкурро дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ислоҳоти тулонӣ ва номуваффақи бахшҳои иҷтимоӣ, тарзи анъанавии зиндагии аҳолӣ, ба хусус ҷавононро тағйир дода, дар рафтору кирдори онҳо равшантар инъикос ёфтанд, ки мақсади таҳқиқотӣ мазкурро муайян намуд.

Сохтори кори диссертатсионӣ ба назари мо хеле муносиб буда, муҳимияти масъала хубу равшан дарҷ шуда барои ҳалли вазифаҳои дар назди унвонҷӯ қарор дода шуда, мусоидат намуданд ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ мебошад.

Рисолаи омоданамудаи унвонҷӯ аз муқаддима, 5 боб, 18 зербоб, хулоса ва руйхати сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ аз 186 адад иборат аст, мавсуф таҳлили муқоисавӣ ва таснифиро оид ба сироятҳои таносулӣ дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ хеле хуб ва бо ҷиддияти хос нишон додааст.

Мавсуф, ҳамзамон аз манбаҳои кушодаи шабакаҳои интернетӣ, рисолаи илмӣ, сарчашма ва маълумотҳои дахлдор аз бойгонии китобхонаи тиббии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдааст, ки аҳамияти илмӣ ва амалии рисоларо дучанд боло мебарад.

Дар сарсухан, тибқи талаботи қойдошта афзалияти масъала, инчунин мақсад ва навгонии илмиро дуруст муайян кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқот душвориҳои мавҷудаи соҳа, аз ҷумла бахши дерматовенерологӣ омухташуда, аҳамияти натиҷаҳои воқеъии бахши тандурустӣ барои минтақа ва ҷомеа аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ гардидаанд, дар асоси далелҳои воқей баҳогузорӣ карда шуданд.

Ба сифати объекти таҳқиқ, пеш аз ҳама, ҷавонон ва муҳоҷирони меҳнатӣ аз шаҳру ноҳияҳои мухталифи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанд, интихоб шудаанд.

Аз дигар тараф, вазъи саломатӣ, муносибатҳои оилавӣ, таҳсилот, мурочиати гирифторони СТАҶГ ба муассисаҳои тиббию профилактикӣ ҷиҳати дастрасӣ ба кӯмакҳои тиббию иҷтимоӣ, инчунин, ба мутахассисони диспансерҳои пӯсту зуҳравӣ дар маҳалли зисти муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо ҳамчун предмети таҳқиқ масълаи муҳим нишон дода шудааст.

Гузашта аз ин, дар давоми тарҳрезии Рисолаи илмӣ, унвонҷӯ бо риояи этикаи касбӣ, худро ҳамчун муҳаққиқи ҷуянда, нисбати худ серталаб ва ҷиддӣ нишон дод, дар баробари вазифаҳои дар пеш гузошта, ӯ ҳамеша маслиҳатҳои роҳбари илмиро ба инобат мегирифт ва кушиш ба харҷ медод, ки баҳогузорӣ ва дар асоси тибби собитшуда роҳандозӣ карда шавад.

Рисола дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии МД "Пажуҳишгоҳи тиббию профилактикии Тоҷикистон", фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №713 аз 20 декабри соли 2008 "Дар бораи пурзӯр

намудани кор бо паҳншавии бемориҳои пӯст ва сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда", инчунин "Барномаи давлатии рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №704 аз 31 декабри соли 2020, тасдиқ шудааст ва самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмиро дар соҳаи саломатии аҳолӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ муайян намудаанд, иҷро карда шудааст.

Аз ин рӯ, далели ин гуфтаҳо чопи 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия мебошанд, ки дар онҳо муҳтавои асосии рисолаи диссертатсионӣ пурра инъикос ёфтааст.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки рисолаи диссертатсионии Қурбонов Назарали Талабович дар мавзуи: «Такомули тадбирҳо оид ба пешгирии сироятҳои таносулӣ дар миёни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон»), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз руи ихтисоси 14.02.03 пешниҳод шудааст, аз рӯи мазмун, мақсаду вазифаҳои гузошташуда, аҳамият ва навгонии илмӣ, асосноки, хулосаҳо, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, унвонҷӯ Қурбонов Назарали Талабович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руи ихтисоси 14.02.03 - сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ,
мудири шуъбаи тандурустии ҷамъиятии
МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии
Тоҷикистон», д.и.т., Ғоибов А.Ғ.

Имзои Ғоибов А.Ғ.-ро
бо имзо ва мӯҳр тасдиқ
мекунам М. Аббосова

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ